ҲАДАФ ТАВЛИДИ МАҲСУЛОТИ РАҚОБАТПАЗИР ВА СОДИРОТБОБ

Ин намоишгоҳ бо ибтикори Кумитаи гумруки Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати инвеститсия, саноат ва савдои кишвар таҳти унвони «Намоишгоҳи воридоти Ӯзбекистон-2025» роҳандозӣ шудааст, ки то 9 октябр давом кард. Ҳадафи ин намоишгоҳ оптимизатсияи воридот барои зиёд кардани мундариҷаи маҳаллӣ мебошад, ки тавлиди маҳсулоти рақобатпазир ва барои содирот нигаронидашударо дар меҳвар қарор додааст.

Таврe ки сухангӯйи Кумитаи гумруки ҷумҳурӣ Ҳусайн Тангриев гуфт, имрӯз Ӯзбекистон дорои имкониятҳои васеъ мебошад, ки маҳсулоти он дар бозорҳои беруна рақобат карда метавонанд.

– Ба ибораи Сарвари давлат маҳалликунонӣ танҳо иваз кардани ҷойи маҳсулоти воридотӣ нест, балки ручӯъ ба истеҳсоли маҳсулотест, ки ҳам аз ҷиҳати нарх ва ҳам аз ҷиҳати сифат барои афзоиши содирот мусоидат намояд. Аз сӯйи дигар, оптимизатсияи воридот ҳангоми зиёд кардани мундариҷаи маҳаллӣ моро дар бозори ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад ва иқтисодиёти кишвар боло меравад, – мегӯяд Ҳусайн Тангриев.

Аз чашмандози маҳсулоти дар ин намоишгоҳ ширкаткунанда маълум шуд, ки воридоти маҳсулот ба мамлакати мо сол аз сол меафзояд. Аз ҷумла, дар соли 2022 он 19 фоиз, дар соли 2023 он 31 фоиз ва дар 8 моҳи соли равон 10 фоиз рӯ ба афзоиш овардааст. Дар сохтори воридот таҷҳизоти технологӣ, маснуоти металлӣ, воситаҳои нақлиёт ва қисмҳои эҳтиётӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, электротехника, сӯзишворӣ ва энергетика, маҳсулоти нафтӣ бартарӣ доштаанд.

Масалан, воридоти батареяҳои литий-ионӣ дар соли 2024 19 маротиба афзуда, 160,5 миллион долларро ташкил додааст. Аммо ин нишондод дар соли 2021 3,9 миллион доллар, дар соли 2022 3,8 миллион доллар ва дар соли 2023 ҳудуди 8,3 миллион долларро ташкил медодааст. Аммо аз таҳлилҳо бармеояд, ки арзиши истеҳсоли ин маҳсулот дар дохили кишвар аз нархи воридотӣ чанд маротиба арзонтар аст.

– Бо дарназардошти кашфи захираҳои литий дар кони Нурликони воқеъ дар вилояти Тошканд, маълум карда шуд, ки ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва маҳаллӣ ва татбиқи лоиҳаҳои истеҳсоли аккумулятор дар худамон хеле умедбахш аст. Инчунин имкони ба бозорҳои хориҷӣ баровардани маҳсулоти истеҳсолшуда низ вуҷуд дорад, ки аз он даромади қобили мулоҳиза ба даст меояд, – мегӯяд Ҳусайн Тангриев.

Маълум шуд, ки оинаи сохтмонӣ низ дар рӯйхати молҳои воридотӣ пешсаф унвон гирифтааст.

Қобили қайд аст, ки дар мамлакати мо барои ба вуҷуд овардани истеҳсоли баъзе молҳо ва ё васеъ кардани иқтидорҳои мавҷуда имкониятҳо хеле фаровонанд. Ин омил метавонад барои коҳиши воридот ва афзун гардонидани ҷойҳои нави кор, беҳбуди салоҳияти содиротии мамлакат хидмат намояд. Бо ин мақсад маҳз дар намоишгоҳ 3000 намуди мол ба маърази тамошо гузошта шудаанд, ки дар мамлакатамон иқтидори баланди истеҳсолӣ доранд ва барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ имкониятҳои калони содиротиро фароҳам меоранд.

Дар чаҳорчӯби намоишгоҳ баргузории ҷаласаҳои панелӣ оид ба беҳсозии воридот низ барномарезӣ шудаанд.

Интизор меравад, ки намоишгоҳ на танҳо ҳамчун намоиши молҳо, балки ҳамчун платформаи муҳим барои таҳияи қарорҳои амалӣ ва роҳандозии ҳамкорӣ хидмати бузург анҷом хоҳад дод. Зеро бо истифода аз ин намоишгоҳ на танҳо ҳаҷми воридот коҳиш хоҳад ёфт, балки ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва афзоиши иқтидори содирот таҷрибаи хуб низ ҳосил хоҳад шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ дар муддати кӯтоҳ байни донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мавқеи муносибро соҳиб гардид. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар донишгоҳ шурӯъ аз маъмурият то устодону шогирдон масъулиятшиносанд.

МАҲФИЛҲО БА ДОНИШҶӮЁН ЧӢ МЕДИҲАНД?

Мақсади асосии таълим ба камол расондани мутахассисони соҳибмаърифату соҳибихтисосест, ки ба рушди ҷомеа хидмат мекунанд. Технологияҳои муосир, ба вижа воситаҳои рақамии таълим имкон медиҳанд, ки ин раванд тезтар ва самараноктар сурат пазирад. Масалан, омӯзиши фосилавӣ, курсҳои онлайн ё платформаҳои мултимедӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки донишро бо суръати тез аз бар намоянд. Раванди таълиму тарбия дар баробари дониш додан, бояд хислату характерҳои инсониро инкишоф диҳад, ҷавононро ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ содиқ тарбия намояд.

Аз ин рӯ, ба масъалаи тарбия беэътинову бепарвоӣ ва яктарафа назар афкандан нашояд. Инчунин, маҳдуд кардани донишҷӯ танҳо бо донишҳои илмию назарӣ низ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Пурмазмун гузарондани вақти холии талабагон ба дарҷаи дониш, шавқу ҳавас, ҷаҳони маънавӣ ва фаъолияти ояндаи онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Бинобар ин, дар муассисоти таълими олӣ ба роҳ мондани фаъолияти маҳфилҳои гуногун аҳамияти калон дорад. Маҳфилҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки истеъдоди худро сайқал диҳанд ва дӯстони нав пайдо кунанд. Масалан, донишҷӯён метавонанд дар маҳфилҳо тавассути анҷом додани тадқиқоти илмӣ, ё ба воситаи омӯзиши забонҳо вақти холии худро пурмазмун гузаронанд. Ин чиз ба камолоти шахс ва дар ҷомеа пайдо кардани мавқеи худ мусоидат мекунад.

Ин аст, ки дар назди кафедраи адабиётшиносии ӯзбеки факултаи гуманитарии Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ барои донишҷӯён якчанд маҳфил амал мекунад. Ҷавононро эҷодкор ба назм, театр, мусиқӣ, рассомӣ, рӯзноманигорӣ, техника ва адабиёт шавқу ҳаваси зиёд доранд. Аз ин ҷост, ки маҳфилҳо барои инкишоф додани қобилияти онҳо ҳамчун як платформаи муҳим хидмат мекунанд.

Масалан, маҳфили «Истеъдод»-е, ки дар назди кафедраи номбурда фаъолият дорад, тавассути бедор кардани муҳаббат ба шеър, қобилият, тафаккури эҷодӣ фаъолияти ҳунарии истеъдодҳои ҷавонро инкишоф медиҳад. Ба маҳфил устодони эҷодкори кафедра – шоир Гуландом Тағоева ва Нафиса Раҳмонова роҳбарӣ мекунанд. Бо дастгирии онҳо на танҳо ҷавонони боистеъдод, балки донишҷӯёне, ки ба эҷодкорӣ майл доранд, вале ҳанӯз роҳи худро наёфтаанд, қобилияти худро инкишоф медиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар раванди тайёр кардани муаллимони оянда дар муассисоти олӣ на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ ҳам аҳамияти калон дорад. Ҳамчунин дар назди кафедра маҳфили эҷодии маҳорати педагогӣ таъсис дода шудааст, ки ба камолоти маънавии донишҷӯён мусоидат менамояд. Ба ин маҳфил устодони кафедра Райҳон Расулова ва Соҳиба Арзиқулова роҳбарӣ мекунанд. Онҳо семинару тренингҳо ташкил мекунанд, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки нерӯи касбии худро инкишоф диҳанд, технологияи таълимро дар амал санҷида, болои худ кор кунанд. Маҳфили маҳорати педагогӣ барои фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён заминаи мустаҳкам мегузорад. Он дар талабагон маҳорати гузарондани дарс, маданияти нутқ, эҷодкорӣ, ташаббускорӣ ва қобилияти бо ҷамоа кор карданро инкишоф медиҳад.

Бо мақсади ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ ва ташаккули фарҳанги китобхонӣ дар байни онҳо «Маҳфили китобхонии ҷавон» таъсис дода шудааст, ки ба он яке аз омӯзгорони ҷавони кафедра Эмина Очилова роҳбарӣ мекунад. Маҳфили китобхонии ҷавон воситаи муассир барои пурмазмун гузарондани вақти холии донишҷӯён, бо адабиёти илмӣ ва бадеӣ шинос намудани онҳо, ташаккули ҷаҳонбинии васеъ ва тафаккури мустақил мебошад. Дар доираи маҳфил муаррифии китобҳо, баргузории шабҳои баҳс, вохӯрӣ бо адибон нерӯи зеҳнии ҷавононро афзун мекунад. Фаъолияти ин маҳфил бо тарғиби китобхонӣ маҳдуд намешавад. Дар он инчунин баромади эҷодӣ, мубоҳиса, мусобиқоти рефератнависӣ ва иншоҳои эҷодӣ гузаронида мешаванд. Зеро мутолиа на танҳо хондан, балки таҳлили асарҳои хондашуда низ мебошад.

Чанд сол аст, ки дар назди ин кафедра маҳфили «Эҷодкорони ҷавон» амал мекунад. Ба он устодони гурӯҳи тоҷикии факултети фанҳои гуманитарии донишгоҳ Ҳикмат Султонзода ва Ҳошимҷон Қучқоров раҳбарӣ мекунанд. Шогирдони ин маҳфил бештар дар таҳияи маводи тарҷумавӣ ва иншои шеъри тарона дар донишгоҳ ва қаламрави кишварамон маълум гаштаанд. Масалан, мақолаҳои илмии муҳассилини курси сеюм Ҳадиса Алимаматова, Ҷавоҳир Шакаров ва талабаи курси дуюм Сардор Давлатов дар маҷаллаи конфронси байналмилалии «Фалсафа ва эътиқод» интишор шудааст. Инчунин хабару мақола ва шеъри таронаҳои аъзои ин маҳфил дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Ховар» рӯйи чопро дидаанд. Роҳбарони маҳфил ният кардаанд, ки ояндаи наздик намунаи эҷоди шогирдонро дар шакли китоб пешкаши алоқамандони адабиёт гардонанд.

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо дар саросари кишварамон эҳтиёҷ ба донистани забонҳои гуногун рӯзафзун аст. Ба ин мақсад дар донишгоҳҳо ташкил намудани маҳфилҳои забономӯзӣ суди зиёде дар пай дорад. Дар назди кафедраи мо маҳфили алоҳидаи омӯзиши забони туркӣ низ амал мекунад. Дар ин маҳфил талабагон бо маданият, адабиёт ва таърихи халқҳои ҳамсоя шинос мешаванд. Аъзои маҳфил дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамкориро бо роҳи омӯзиши забонҳо таҳким мебахшанд. Маҳфилҳо дар баробари ба ҷустуҷӯҳои эҷодӣ водор намудани толибони илм, дар ташаккулёбии тафаккури нав нақши муҳим доранд.

Зиёдахон УСМОНОВА,
докторанти ДДОЧ.

САНЪАТ – ДИЛҲОРО НАЗДИК МЕСОЗАД

Дар саҳнаи театри драмавии ба номи Антон Чехови шаҳри Самарқанд озмуни байналхалқии «Music City Samarkand – 2025» баргузор гардид, ки аз Ӯзбекистон ва Русия қариб 200 нафар иштироккунандагон ширкат варзиданд.

Иштирокчиёни анҷуман рақсу бозӣ карда, сурудҳои дилошӯбу дилнишин сароида, асбобҳои мусиқии гуногунро навохтанд ва мӯдҳои либосҳоро намоиш доданд.

– Афзалиятҳои лоиҳаи мо, – гуфт ташкилкунандаи озмун, президенти хазинаи хайрияви «Мелодия души» Мария Федорских,– кушоду равшан будани он аст. Ҳар як баромад, нақли таърихи мӯҳҷаз тавассути мусиқӣ ва рақсу бозӣ мебошад. Озмун дар асоси дастгирии бевоситаи маркази дӯстии халқҳои Урал ва Ӯзбекистон ҷараён гирифт. Ғояи дар Самарқанд гузаронидани озмун ба роҳбари маркази дӯстӣ ва фарҳангии шаҳри Екатеринбург Обид Турапов вобаста аст.

– Зодгоҳи ман Самарқанди бостонӣ – маркази илм ва фарҳанги Ӯзбекистони Нав мебошад, – бо ҳисси шодмонӣ лаб ба суҳан кушод Обид Турапов, – хеле хушҳол ҳастам, ки орзуи ман ҷомаи амал пӯшид. Зеро озмун дилҳоро ба ҳам пайваст ва риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ боз ҳам мустаҳкам хоҳад шуд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Зикри хайр

МИСЛИ ИН АСТ, КИ ҲАНӮЗ ЗИНДА АСТ...

Дар синни 64-солагӣ, ки барои инсон синни камолот маҳсуб мешавад, аз байни мо шахсе рафт, ки бо инсонигарӣ, илму адаб ва маданияти баланди худ барои атрофиён намуна буд. Нависанда, муаррих, шоир, педагог ва тарҷумон – Абдуллои Тоҳириён дар хотираҳо ҳамчун инсони начиб бокӣ мемонад.

Гуфтори устод саршор аз меҳру самимият буд. Ҳар мулоқот бо ӯ фазои рӯшану хотирмон дошт. Суҳбатро бо табассум ва сухани нарм гарм месохт ва мусоҳиб эҳсос мекард, ки дар рӯ ба рӯяш шахси инсондӯсте қарор дорад.

Устод ҳудро қисми ҷудонопазири ҷомеа меҳисобид ва ғами фарҳангу забони миллиро меҳӯрд. Бо аҳли сухану фарҳанг робита дошт, ба дӯстӣ арҷ мегузошт ва ҳар гирдиҳамоиро ба маҳфили ҳикмату маърифат табдил медод. Рӯзҳои аввали бо аҳли оила ба Ангрен омаданашро дар ёд дорам. Ҳар вохӯрӣ бо ӯ як маҳфили адабӣ буд. Дар суҳбатҳои хонаводагӣ ва дӯстона ҳамеша шеър меҳонд, қиссаҳои таърихиро бо шавқу завқ баён мекард.

Абдуллои Тоҳириён ҳудро ҳамеша омӯзгор меҳисобид. Солҳои зиёд бо таълиму тадрис сарукор дошт. Ба донишҷӯён ва шунавандагони курсҳои бозомӯзии омӯзгорони вилояти Тошканд на танҳо дониш медод, дар дилашон чароғи муҳаббат ба забону фарҳанги миллиро низ меафрӯхт.

Мо – шогирдон дар ёд дорем: ӯ ба ҳар суол бо таҳаммул ва хоксорӣ посух медод, шогирдонро рӯҳбаланд месохт, ба рӯяшон саҳифаҳои нохондаи таърихро боз менамуд. Осори илмиаш бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ навишта шудаанд.

Абдуллои Тоҳириён бо қаламаш собит намуд, ки таърих на танҳо рӯйдод, балки таҷрибаи зиндагии мардум, рӯҳи фарҳанг ва сабақ ба оянда низ мебошад.

Устод нависандаи соҳибсабк низ буд. Шеваи умумифорсии баён ва каломи пурбораш ба қимати асарҳояш афзудааанд. Дар онҳо воқеиятии зиндагӣ бо тамоми нозукиҳояш инъикос ёфтаанд. Шодравон китобҳои дарсиро бо ҳисси масъулият тарҷума мекард.

Чунин як шахсият моро ногаҳон падруд гуфт. Ақл бовар намекунад. Мисли ин аст, ки ӯ ҳанӯз зинда аст. Вале дареғ... Дигар навиштаҳои мондагори ӯ бо мо суҳбат мекунанд, роҳи дурусти зиндагӣ меомӯзанд. Пас, ӯ бо мост.

Ёду ёдгораш гиромӣ бод!

Рухшона АБДУҚОДИРОВА,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 17-уми шаҳри Ангрен.

Меҳрубонӣ кун ба ҷашни Меҳргон

ТИРАМОҲ АСТУ БАРГ МЕРЕЗАД...

Гуфтан мумкин аст, ки аксари мардуми мо фасли тирамоҳро дӯст медорад. Тирамоҳи зарнигор ҳатто нисбат ба баҳори гулафшон бештар миёни мардум маҳбубият дорад. «Обҳо соф дар айёми хазон мегарданд...» сурудааст шоире. Шоири халқи рус А. Пушкин иброз доштааст, ки ӯ баҳорро дӯст намедорад, ба хотири он ки наму лойи бисёр дорад. Ва шӯхиомез мегӯяд, ки метавонист тобистонро ҳам дӯст дорад, агар пашшаву хомӯшакаш намешуд. Аммо тирамоҳи нозанинро ошиқона дӯст медошт ва ба васфи он шеърҳои зиёде сурудааст.

Тирамоҳ ҷамъбасти натиҷаи меҳнати яксолаи деҳқон аст. Тирамоҳ фаслест, ки анборҳою дилҳоро пур мекунад. Беҳуда нест, ки яке аз ҷашнҳои фархундаи мардуми тоҷик «Меҳргон» маҳз дар анҷоми тирамоҳ сурат мегирад. Ва ҷашни ҷамъбасти кишту кору ҳосилғундорӣ, ҷашни сериву пурӣ ва сарбаландии мардуми заҳматкаш аст.

Ҳусну таровати табиати тирамоҳи заррини диёрро шоиру нависандагон ва мусаввирон моҳирона тавсифу тасвир намудаанд. Дар ин фасл баргҳои зарди дарахтон пайи ҳам рехта, манзараи зебо ва мафтункунандаро ҳосил мекунанд. Таровату дилрабоии тирамоҳро бисёртар дар деҳа, боғҳои истироҳатӣ, хиёбон ва кӯчаҳои сердарахт мушоҳида кардан мумкин аст. Гули тоҷихурӯс, нозбӯ ва дигар гулҳои тирамоҳӣ ҷилою тобиши нав пайдо мекунанд. Шамоли форам, садои шитир-шитири баргҳо ба кас ҳаловат ва оромӣ мебахшад.

Баъзан фасли тирамоҳро ҳамчун фасли хазон, урён шудани дарахтон баъзеҳо намеписанданд. Шоири тоҷик Лоиқ Шералӣ аз манзараҳои ҳузнангези тирамоҳ илҳом гирифта, як байти бисёр сермазмун гуфтааст:

Хазонрезу хазонрезу хазонрез,
Чаро умри ҷавонӣ
бигзарад тез.
Чаро одам надонад
қимати умр,
Чаро ночиз гардад
аз пайи чиз?

Дарҳақиқат, ивазшавии фаслҳои сол аз гузашти умри инсонӣ дарак медиҳанд. Чанд баҳору тобистон, чанд тирамоҳу зимистон умр дидани инсон ва тамоми мавҷудоти зинда ба ҳисоб аст. Дар ин айём оби дарёҳову рӯдҳо шаффоф мешаванд, тамоми ҷонзот барои зимистонгузаронӣ ризқу рӯзӣ ҷамъ карда, омодагӣ мебинанд. Майдонҳои пахтаи кишвар осмони пури ситораро мемонанд, хӯшаҳои заррини гандум ба замин гӯё ба хотири арзи сипос сар ҳам мекунанд. Оё ин манзараҳои фасли пойиз дилкашу дилрабо нестанд? Рӯзҳои боронии тирамоҳи деҳаамро ба ёд меорам. Тамошои шаррос рехтани борон аз паси тиреза касро ба хаёлҳои ширин мебарад. Қатраҳои борон дар кафи баргҳои хазон мисли дур медурахшанд.

Аз чорбоғ ҳосилғундории падарамро ба ёд меорам. Болои девору бомҳои лоин аз қоқии себу олу, биҳию шафтолу, чормағзу санҷиду пур буд. Биҳиҳои зарди тиллорангро дар устуни хонаҳо меовехтем, то баҳузур пазаду мазза бахшад. Ва тамоми ҳавлиро бӯйи биҳӣ фаро мегирифт. Ва имрӯз гӯё аз ҳавлии падар ҳамон хушбӯйиро ҳис мекунам...

Тирамоҳи кишвари мо дасторхони пурнеъматеро мемонад, ки пур аз мева мебошад. Ин меваҳо аз меваҷоти дигар диёрҳо фарқи куллӣ доранд. Хориҷиён ошиқи харбуза, тарбуз, ангур, анҷир, себ ва нокҳои гулӯсӯзи тирамоҳи заррини кишвари моянд.

– Фасли тирамоҳ, рангҳои гуногуни дилрабои онро дӯст медорам. Дар ин фасл натиҷаи меҳнати яксолаи бо арақи ҷабин ҳосилшударо мегирем. Фоидаи меҳнатамонро дида, аз он меболем, ки дар диёри зебову обод, замини ҳосилхез ҳаёт ба сар мебарем. Имрӯзҳо дар ширкатамон кор дар авҷ аст. Ба ғайр аз ноку себ, шафтолую анор, хурмою биҳӣ ангурҳои гуногуннавъро ҷамъоварӣ намуда, ўҳдадориро барзиёд ичро кардем. Ҳосили боқимондаро ба бозор мебарорем ва дар пурфайз гардондани дасторхони мардум ҳиссаи худро мегузорем, – мегӯяд Сабоҳат Эшматова аз деҳаи Заркенти ноҳияи Паркент.

Тирамоҳ таҷассуми тамоми рангҳо, тасвирҳо, манзараҳоест, ки бузургтарин рассом – табиат онро эҷод кардааст:

Тирамоҳ асту барг мерезад,
Дар лабонаш таронаи падруд.
Нигаҳи офтоб ҳам кунд аст,
Меравад хастаҷон ба
хонаи буд.
Ёд орам зи чашми бодомат,
Накҳати навбаҳор меояд.
Ёд орам чу хандаҳоятро,
Қаҳ-қаҳи обшор меояд...

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 3687. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.